# ҚАРОРИ

шурои диссертатсионии 6D.КОА–096 назди Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон оид ба ҳимояи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм

**аз 03 марти соли 2026** **ш.Душанбе**

Суханронии Раҳматов Сулаймон Ҳасанович -ро дар мавзуи “Хусусиятҳои агробиологӣ ва селексионии навъҳои хурмои шарқӣ дар шароити водиҳои Ҳисору Вахш” аз рӯйи ихтисоси 06.01.05 – Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ, тақризи муассисаи пешбар - факултети биологияи Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев, ки аз тарафи муқарриз, профессори кафедраи ботаника ва экологияи Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев, доктори илмҳои биологӣ Мамадризохонов Акбар Алихонович, омода шудааст аз тарафи раиси ҷаласа, номзади илмҳои биологӣ мудири кафедраи ботаника ва экология Содатқадамова Т.М., котиби ҷаласа, номзади илмҳои биологӣ Давлатбек С.Х. имзо намудаанд ва ректори донишгоҳ, доктори илмҳои сиёсӣ Комилбек Амид Ёрбек тасдиқ намудааст, суханронии муқарризони расмӣ **Бобозода Илҳомҷон Абдушукур -** доктори илмҳои биологӣ, мудири кафедраи ботаникаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ **ва Шомамадова Зубайда Дустмамадовна-** номзади илмҳои кишоварзӣ, дотсенти кафедраи фанҳои гуманитарӣ ва табиии-риёзии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, инчунин муқарризони ғайрирасмӣ доктори илмҳои кишоварзӣ Назиров Ҳикматулло Нуруллоевич, доктори илмҳои кишоварзӣ Ахмедов Турсунбой Абдуллоевич, доктори илмҳои кишоварзӣ Саидзода Раҳмон Фатҳулло, доктори илмҳои биологӣ Исмоилов Махсатулло Исроилович ва доктори илмҳои кишоварзӣ Салимзода Амонулло Файзулло-ро шунида, баррасӣ карда, шурои диссертатсионӣ дар асосӣ натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ, хулосаи қабулкардаи худ оид ба диссертатсия, дар бораи асолат, арзиш, нововарӣ ва натиҷаҳои ба дастовардаи Раҳматов Сулаймон Ҳасанович

## ҚАРОР ҚАБУЛ МЕКУНАД:

1. Диссертатсияи Раҳматов Сулаймон Ҳасанович дар мавзуи "Хусусиятҳои агробиологӣ ва селексионии навъҳои хурмои шаркӣ дар шароити водиҳои Ҳисору Вахш" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05 – Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ ба талаботи бандҳои 31 ва 33-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, комилан мувофиқат мекунад;
2. Маводи илмии чопнамудаи довталаби дараҷаи илмӣ мазмуну мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос менамоянд;
3. Ба Раҳматов Сулаймон Ҳасанович дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05- Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ дода шавад;
4. Барои додани дипломи номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05- Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ ба Раҳматов Сулаймон Ҳасанович аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад.

Хоҳиш мекунам, ки мавқеи худро нисбат ба ин қарори шурои диссертатсионӣ муайян намуда, овоз диҳед.

Тарафдор 15 нафар, Муқобил-нест. Бетараф-нест. Қарор якдилона қабул карда шуд.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои кишоварзӣ,
академики АИКТ, профессор — Салимзода Амонулло Файзулло

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои кишоварзӣ — Пӯлотова Шаҳодат Сайфуллоевна

03 марти соли 2026